**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail:faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Идоракунии дороиҳои бонкӣ дар муҳити иқтисодии ҳар як мамлакат таҳия ва татбиқи стратегия ва қабули қарорҳои роҳбарияти бонкро тақозо мекунад. Мушкилоти асосие, ки дар низоми бонкӣ муайян шудааст, ин нокифоягии дороиҳо дар тавозуни бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, ки ин дар натиҷаи кам будани сармояи худӣ ба вуҷуд меояд, чунки норасоии сармояи худӣ барои ба даст овардани воситаҳои ҷалбшаванда низ монеа мешавад. Барои идоракунии дороиҳо муайян намудани сохтори он хеле муҳим буда, он имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни дороиҳо муайян ва дуруст идора карда шаванд. Дар шароити муосир зарур аст, ки сохтори дороиҳо ба пуррагӣ муайян кард шуда, усулҳои идоракунии дороиҳоро дар сатҳи бонкӣ бояд омӯхт. Бинобар ин ҳамаи проблеммаҳои мавҷуда ва тадбирҳо оид ба ҳалли онҳо аз мубрам будани мавзуи мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Тибқи ақидаи муаллиф аз ҷиҳати илмию назариявӣ асоснок намудани механизмҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ мақсади таҳқиқот буда, ин ба ташкилотҳои қарзӣ имконият медиҳад захираҳо самаранок истифода гарданд. Инчунин қайд менамояд, ки яке аз самтҳои асосӣ барои дарёфти роҳҳои наву самараноки идоракунии дороиҳои бонкӣ ин таҳлили таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ ба шумор рафта, истифодаи таҷриба, арзёбии механизмҳои баҳодиҳии сифати дороиҳо ва хусусиятҳои мусбати онҳо дар бонкҳои ватанӣ накшгузор мебошад.

Дар автореферати диссертатсия қайд мегардад, ки рушди низоми бонкӣ аз идоракунии дурусти дороиҳо асос ёфта, дар баоробари идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ идоракунии ухдадориҳои бонк низ зарур мебошад. Бинобар ин, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҳарчи бештар барои ҷалби захираҳои

молиявӣ ва истифодаи онҳо кӯшиш намуда, онро ба амалиётҳои фоиданок сафарбар намоянд.

Тибқи маълумотҳои дар ҷадвали 3 овардашуда таҳлил намуда, муайян кардан осон аст, ки аз соли 2014 то соли 2021 зиёда аз 50%-и ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз байн рафтанд ва ин тамоюл боз идома дорад. Дар автореферат ин масъала аз тарафи муаллиф бодиққат омӯхта шуда, заминаҳои бавуҷудоии хавфи муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шуданд.

Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки як қатор масъалаҳо барои ба вуҷуд омадани хавфҳо дар низоми бонкӣ шароит фароҳам меоранд. Ба ин мисол шуда метавонанд суст будани механизми идоранамоии пардохтпазирӣ, кам будани боварии аҳли ҷомеа ба бонкҳо, сариваќт қонеъ нанамудани талаботи мизоҷон бо дархости аввалин, рақобати маҳдуд дар байни бонкҳо бо сабаби кам будани шумораи онҳо, суст будани низоми иттилоот дар бораи қарзҳо ва дигар нишондиҳандаҳои бонкӣ, номувофиқатии дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкӣ ва ғайра мебошанд.

Дар баробари нуктаҳои муҳими автореферат, дар кори илмии мазкур баъзе камбудиҳо дида мешавад, аз ҷумла:

1) Дар автореферат маълумотҳои дар ҷадвалу диаграммаҳо овардашуда ба ҳам алоқамандии зич доранд ва баъзеашон якхела мебошанд. Хуб мешуд агар муаллиф ба таҳлили маълумотҳо ва рақамҳо аҳамияти ҷиддӣ медод ва аз нишондиҳандаҳои гуногун истифода мебурд.

2) Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф сабабҳои асосии аз байн рафтани ташкилотҳои қарзии низомсоз ба пуррагӣ ошкор мегардид.

Таҳқиқоти унвонҷӯ аз он нуктаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ агар аз як тараф рушди низоми бонкиро таъмин намояд, аз тарафи дигар имконияти рушди минбаъдаи фаъолияти бонкҳоро бо назардошти таъмини амнияти низоми бонкӣ дар ҳолатҳои душвортарин таъмин менамояд

Новобаста аз ин, гуфтан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро пурра ифода намуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқотгар гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии идоракунии дороиҳои бонкиро ифода менамояд.

Хулоса, кори илмӣ, ба фикри мо пурра ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи диссертатсия Аҳадов И.Қ. барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, пофессор,**
**ректори Донишгоҳи байналмилалии**
**сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Асрорзода У.С.**

**Имзои У.С. Асрорзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

**Суроға:734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш.Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5**
**Телефон: (+992 37) 2348802**
**E-mail: dsx_ips@mail.ru**
**Сомона: https:// www/ iutet.tj**